# НАМУНАИ САВОЛУ МАСЪАЛАҲОИ КУШОДА
# АЗ СУБТЕСТИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

**1** **Айёми (1) ҷавонии (2) ман (3) дар (4) ин (5) шаҳр (6) гузаштааст (7).**

***Кадом калимаҳо исми сода мебошанд?***
***Рақами калимаҳоро бо тартиби зиёдшавӣ нависед:***

**Ҷавоб:** 1 6

**2** **Пайдарпайии мантиқан дурусти ҷумлаҳои матнро муайян кунед:**

**1.** Зина торик ва печдарпеч буд.
**2.** Мо аз дарвозаи мадраса даромада ба дасти рост баргаштем.
**3.** Падарам овоз дода, овоз дода боло мешуд ва ман аз паси ӯ бо аломати овозаш зинапояҳоро даст-даст карда, бо эҳтиёт пой монда, боло мешудам.
**4.** Дар он ҷо зинае буд, ки мо бо вай боло баромадан гирифтем.

**Ҷавоб:** 2 4 1 3

**3** **Ҷумлаи зеринро таҳлили синтаксисӣ кунед. Рақами аъзои ҷумларо, ки дар болояш навишта шудааст, бо тартиби зерин дар катакчаҳо нависед:**

**1)** мубтадо
**2)** хабар
**3)** муайянкунанда
**4)** пуркунанда
**5)** ҳол

**Саидалӣ** (1) **бо як гурӯҳ одамонаш** (2) **дар сари ҳавзи** (3) **калон** (4) **нишаста буд.** (5) С. Айнӣ

**Ҷавоб:** 1 5 4 2 3

НАМУНА